# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 32
# КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

**МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:**

- **Чараёни навбатии интихоби мавзӯхо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ (чараёни филтратсия) ба итмом расид**
- **Омодагӣ ба ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**
- **Ҷаласаи навбатии Шӯрои минтақавии машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд**
- **Вохӯриву мулоқотҳои роҳбарияти Котиботи Шӯрои машваратӣ бо шарикон**

## ҶАРАЁНИ НАВБАТИИ ИНТИХОБИ МАВЗӮҲО БАРОИ БАРРАСӢ ДАР ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Дар моҳи ноябри соли 2012 Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо намояндагони бахши хусусӣ вохӯрӣ доир намуд. Дар вохӯрӣ роҳбарони ассоциатсияҳои соҳибкорӣ ва ҳам ширкатҳои тиҷоратӣ иштирок намуданд.

Мақсади доир намудани вохӯрии зикргардида муайян намудани доираи масъалаҳои афзалиятноке буданд, ки барои намояндагони бахши хусусӣ рӯзмарра буда, ҳалли саривақтии онҳо ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар миёни мавзӯҳо, аз ҷумла масъалаҳои: ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат; шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (аз соли 1961); ҳавасмандгардонии ширкатҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ ҷиҳати зиёд намудани гардиши молиявии онҳо; ташкили бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва фаъол гардонидани фаъолияти Биржаи марказии фондии Тоҷикистон; таҳияи лоиҳаи Барномаи давлатӣ оид ба рушди паркҳои технологӣ; ташкил намудани фонди венчурӣ (Венчурный фонд); барқарор намудани рекламаи операторҳои мобилӣ таввасути шабакаҳои телевизионӣ ва дигар мавзӯҳо аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳод гардиданд.

Ҳамаи мавзӯҳои пешниҳодшуда аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ ба инобат гирифта шуда, бо номгӯи мавзӯҳое, ки барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ пешниҳод гардидаанд, ворид карда шуданд. Илова ба ин, вобаста ба ҳар як мавзӯи пешниҳодшуда таҳлилҳои кӯтоҳ бо инъикоси вазъи мавҷуда ва роҳҳои ҳалли масъала гузаронида шуданд.

Натиҷаҳои фаъолияти мазкур ҷамъбаст гардида, ҳуҷҷати таҳиягардида ба баррасии Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пешниҳод гардид.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ 11-УМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ омодагиро барои доир намудани ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ оғоз намуд.

Мавзӯҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ дар асоси натиҷаҳои ҷараёни интихоби мавзӯҳо, ки аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ дар моҳҳои октябр-декабри соли 2012 гузаронида шуд, инчунин қарорҳои протоколии ҷаласаҳои қаблии Шӯрои машваратӣ интихоб карда мешаванд.

Пас аз муайян гардидани мавзӯҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ, Котиботи Шӯро ба шарикон маълумоти муфассал ирсол хоҳад кард.

## ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШӮРОИ МИНТАҚАВИИ МАШВАРАТӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар таърихи 9 ноябри соли 2012 ҷаласаи навбатии Шӯрои минтақавии машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд доир гардид.

Дар ҷаласа ҳисобот оид ба ҷараёни мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои қаблии Шӯрои минтақавӣ шунида шуд. Инчунин оид ба ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маълумот пешниҳод гардида, номгӯи мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои минтақавии машваратӣ муайян карда шуданд.

Яке аз мавзӯҳои асосие, ки дар ҷаласа баррасӣ карда шуд, ин бартараф намудани монеаҳои асосие, ки соҳибкорони вилояти Суғд ҳангоми таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва воридоти таҷҳизоти технологӣ рӯ ба рӯ мешаванд, маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, дар ҷаласа Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати бартараф намудани монеаҳо ҳангоми таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ бо инъикоси тадбирҳои конкретӣ ва мӯҳлати иҷро пешниҳод гардида, боназардошти таклифу пешниҳодоти иштирокчиёни ҷаласа аз ҷониби Раиси Шӯрои минтақавии машваратӣ тасдиқ карда шуд.

Инчунин дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ ҳалли саривақтии як қатор масъалаҳои дигар аз қабили тартиби гузаронидани санҷишҳо, мушкилиҳо ҳангоми дастрас намудани хулосаи экологӣ ва дигар монеаҳое, ки соҳибкорони вилоят рӯ ба рӯ мешаванд, пешниҳод кардашуданд.

Дар хотимаи ҷаласа оид ба татбиқи пурра ва саривақтии Нақша чорабиниҳои тасдиқшуда ва баррасии масъалаи рушди бахши сайёҳӣ дар ҷаласаи ояндаи Шӯрои минтақавии машваратӣ қарор қабул карда шуд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

## ВОХӮРИВУ МУЛОҚОТҲОИ РОҲБАРИЯТИ КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ БО ШАРИКОН

Дар таърихи 21 ноябри соли 2012 дар толори маҷлисгоҳи меҳмонхонаи «Гулистон Тур» дар доираи фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон вохӯрӣ бо соҳибкорони ватанӣ доир гардид. Дар вохӯрӣ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев иштирок ва суханронӣ намуд. Қайд намудан зарур аст, ки дар доираи Шӯрои ҳамоҳангсозии ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон "Маҳфили соҳибкорон" таъсис дода шудааст. Аз ҷониби Раиси Раёсати Шӯрои мазкур ҷаноби З. Саидов ба иштирокчиён оид ба ду мавзӯъ: корҳои иҷрошуда ва нақшаҳои минбаъда, инчунин оид ба таърихи таъсис додани «Маҳфили соҳибкорон» маълумот пешниҳод карда шуд.

Дар таърихи 6 декабри соли 2012 дар бинои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи якуми Кумитаи тадорукот оид ба гузаронидани конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи "Проблемаҳои институтсионалии рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон" доир гардид. Бояд қайд намуд, ки доир гардидани конфронси мазкур дар таърихи 18-19 марти соли 2013 дар шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шудааст. Дар кори ҷаласа Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев ба ҳайси узви роҳбарияти Кумитаи тадорукот иштирок ва баромад намуд.

Дар таърихи 11 декабри соли 2012 **в**охӯрии Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Кристофер Миллер баргузор гардид. Дар вохӯрӣ масъалаҳои дастгирии татбиқи қарорҳои ҷаласаҳои қаблии Шӯрои машваратӣ, аз ҷумла доир намудани таҳлилҳо вобаста ба соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, бартараф намудани монеаҳои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ мегарданд, рушди бахши сайёҳӣ ва самтҳои асосии ҳамкориҳои дуҷониба муҳокима карда шуданд.

Дар таърихи 13 декабри соли 2012 **в**охӯрии Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон ҷаноби Улф Ҳиндстром баргузор гардид. Дар вохӯрӣ масъалаҳои дастгирии оянадаи Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва роҳҳои боз ҳам тақвият бахшидани фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он баррасӣ гардиданд.

Дар таърихи 19 декабри соли 2012 **в**охӯрии Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷаноби З. Завқиев бо муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари ҳамкориҳои Швейтсария дар Тоҷикистон ҷаноби Николас Гюгас баргузор



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

гардид. Дар вохӯрӣ масаълалаҳои саҳми дафтари ҳамкориҳои Швейтсария ва дигар шарикони рушд дар татбиқи қарорҳои қаблии Шӯрои машваратӣ, имконияти дастгирии техникии дафтари ҳамкориҳои Швейтсария оид ба мавзӯъҳое, ки аз ҷониби бахши хусусӣ ба воситаи Котибот пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи туризм, ҷараёни филтрация) ва ҳамоҳангсозии фаъолияти Котибот ва шарикони рушд оид ба иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Инчунин дар давоми моҳҳои ноябр ва декабри соли ҷорӣ як қатор вохӯриҳои роҳбарияти Котиботи Шӯрои машваратӣ бо намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ доир гардиданд. Дар вохӯриҳои мазкур масъалаҳои татбиқи қарорҳои қаблии Шӯрои машваратӣ ва ҷалби вазорату идораҳои масъул ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

***<u>Хонандагони мӯҳтарам!</u>***
***Агар ягон таклифу пешниҳодот барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро ё умуман фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дошта бошед, метавонед тавассути сурогаи электронии secretariat@investmentcouncil.tj ба Котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоед.***
***Инчунин метавонед маводҳои ҷолибро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ирсол намоед, ки дар яке аз нашрҳои оянддаи Варақаи иттилоотии Котибот ҷой дода мешаванд.***

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид***
***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев-Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов-мушовири иқтисодӣ***
***Елена Ишанкулова-мушовири ҳуқуқӣ***
***Азиза Мавлонова- мушовири ҳуқуқӣ***
***Умедҷон Умаров- мушовири иқтисодӣ***



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj